# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ВОЖА-ИСТИЛОҲОТИ ЗАРГАРӢ

**Шукурова Ҳафиза Сайфиевна**
*докторанти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишкадаи забонҳо ва маданияти халқҳои Осиёи Марказии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов*

Заргарӣ қадимтарин ва машҳуртарин навъи санъати ороишию амалии тоҷикон аст, ки дар қатори дигар миллату халқиятҳои олам ба он эътибори хос додаанд. Онҳо ва хусусан самарқандиён, аз замонҳои пеш ҷавоҳиротро як ҷузви санъати миллӣ ва рӯзгордории хеш дониста, ҳатто онро дар ороишоти хонаю қасрҳо, дахмаҳо, зарфу асбобҳои рӯзғор ва афзолу лозимаҳои аспу ароба, яроқу аслиҳаҳо низ корбаст намудаанд. Барои кушода додани мавзуъ, лозим донистем, ки пеш аз ҳама сайри мухтасари таърихи ҳунари заргарӣ намоем, яъне ин чӣ хел ҳунари мардумист?

Бинобар таҳқиқи муҳаққиқон, дар шаҳрҳои марказии Осиёи Марказӣ аз замонҳои пеш ҳунари заргарӣ маълум буда, қадимтарин маълумотро дар ин мавзуъ аз падари таърих – Ҳеродот ёдовар шудаанд: "Ҳафриёти дар ҳудуди Осиёи Марказӣ анҷомшуда гувоҳи онанд, ки санъати заргарӣ дар ин ҷо ҳам аз давраҳои қадим вуҷуд доштааст. Маълумоти қадимтарин оид ба санъати заргарии халқҳои Осиёи Миёна ба Ҳеродот мансуб аст. Бисёр бозёфтҳои бостоншиносӣ таърихи тӯлонӣ ва расму ойинҳои ғанӣ доштани санъати заргарии тоҷиконро тасдиқ мекунанд. Аввалин намунаҳои маснуоти заргарӣ ба давраи неолит (асри биринҷӣ) тааллуқ доранд. Инҳо ороишоте буданд, ки дар он замон ҳамчун ашёи дорои қувваи сеҳромез вазифаи ҳифзкунандаро иҷро мекарданд ва аз қувваҳои бадӣ (аз рӯйи тасаввуроти одамони қадим) эмин медоштанд. Танҳо пас аз чанд аср онҳо вазифаи ороиширо соҳиб шудаанд" [7, 1]. Пас, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мардуми Самарқанд ҳам дар аввал маснуоти заргариро ба ҳамин мақсад истифода карда будаанд.

Аввалин маснуоти ороишии асри биринҷӣ рамзи ҷирмҳои осмонӣ, тасвири ҳайвоноту инсонро дар худ доштаанд, ки инҳо ҳам зимнан аз боварҳои мардумӣ ва маҳз аз сари ҳамин боварҳои мардумӣ ба вуҷуд омадани ҳунари заргарӣ ва вобастагиҳои онро собит мекунад. Бинобар нишондоди муҳаққиқон [7, 384], тавассути рехтагарӣ тайёр намудани маснуоти заргарӣ усули қадимтарин будааст, ки аз он мардумони Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз асри биринҷӣ (ҳазораи III-IIто милод) воқиф буданд. Ғайр аз Самарқанд, боз аз дигар шаҳру деҳаҳои Ӯзбекистон ҳам чунин бозёфтҳои қадимаи мансуби заргарӣ ба даст омадаанд, ки хеле ривоҷ доштани ҳунари заргарӣ дар ин диёрро собит мекунад. Масалан, "аз ҳафриёти деҳаи Ҳак (Фарғона) маснуоти нуқрагӣ ва биринҷӣ ёфт шудаанд, ки нӯги сарсӯзанҳои он ба шакли инсону вуҳуш зинат ёфтаанд. Дар ҳудуди Қайроққум низ ёдгориҳои давраи биринҷӣ ва ибтидои асри оҳан пайдо шудаанд, ки аз ривоҷу равнақи амали рехтагарии бадеӣ шаҳодат медиҳанд" [8, 43]. Ҳамчунин, аз қабристонҳои қадимаи мансуби сакоиҳо, суғдиҳо, бохтариҳо ва харазмиҳо предметҳои ороишоти сохтаи оҳан, мис, биринҷ ва тило (гӯшвора, нишонҳо барои либос, шадда, дастпона ва ғайра) дар шаклу суратгунаҳои гуногун (тасвири сари мор,

ҳайвонот, ҷирмҳои самоӣ)-и ҳаётӣ ва тахайюлӣ таҷассум ёфтаанд. Дар бозёфтҳои ҷавоҳиротии Амударё (асрҳои VI-IV то милод) суннати заргарии замони Ҳахоманишиён, санъати маҳаллии омехтаи юнону бохтарӣ хос аст, ба назар мерасанд.

Яке аз беҳтарин намунаҳои санъати заргарии ин давра бозёфтҳо аз қабристони ашрофи кушонӣ аз Тиллотеппа (Афғонистони Шимолӣ) ва Дилварзин (Ӯзбекистони Ҷанубӣ) мебошад. Дар маснуоти заргарии ин давра баробари ҳайвоноти тахайюлӣ, тасвири ҷонварони воқеӣ ва одамизод мавқеи хосса доштанд. Ороишҳои аз зар сохташудаи Тиллотеппа дар шакли дарахти зиндагӣ, шоҳ ва аждаҳо, моҳиҳои баҳрӣ ва дигар намуди ҷонварон тасвир ёфта, бо санги фирӯза оро дода шудаанд. Маснуоти заргарии Дилварзин – дастпонаҳо дар шакли мор, ороиши гарданӣ аз симҳои зар бофташуда бо аве- заи устувонашакли сангҳои гаронбаҳо, гарданбанд бо санги ақиқ ва тасвири нимтанаи марди ришдор хеле моҳирона сохта шудаанд. Бозёфтҳои осори заргарии ҳудуди Истаравшани қадим (наздики Бекобод) – гӯшвора, овеза, зевароти тиллоӣ низ ҷолиби диққатанд.

Аз ҳафриёти Афросиёб (Самарқанди Қадим) яшми сурхи қолабзадае ёфт шуд, ки дар он марди ришдори ба сар тоҷи дандонадор тасвир гардидааст. Тасвироти сангҳои гаронбаҳо дар давраҳои баъдӣ хусусияти маданияти Юнону Бохтариро нигоҳ доштаанд. Аз мусавваpаҳои деворӣ ва тасвироти рӯйи зарфҳои сафолии Афросиёб, Варахша (Бухорои Қадим), Панҷакент ва Шаҳристон бармеояд, ки ниёгони тоҷикон маснуоти гуногуни заргариро ба сифати зевар истифода мебурдаанд. Баробари сарулибоси зебо дар зеварҳои суғдиёни қадим гӯшвора, ангуштарин, силсила, чанбарак, дастпона ва ғайра маъмул буд.

Дар маснуоти заргарии аввали асрҳои миёна бештар таъсири санъати заргарии Сосониёнро дидан мумкин аст, ки дар тасвири манзараи шикор ва ҷонвароне, ки дар дини зардуштӣ мавқеи хосса доштанду бо як тарзи муайян тасвир мешуданд, ифода меёфт. Зеварҳои Панҷакенти Қадим монанди шаддаҳо (аз ақиқ, булӯри кӯҳӣ, марҷон), чала, ангуштарин, овеза, гӯшвора, дастпона хеле ҷолибанд.

Овезаҳо ва ангуштаринҳо бо нигин ва даври онҳо бо услуби донашинонӣ оро дода мешуд. Камарбандҳои мардони Суғд бо зеварҳо, нигинҳо аз сангҳои гаронбаҳову арзонбаҳо оро дода мешуданд. Дар санъати заргарии давраи тоисломӣ оро додани маснуоти заргарӣ бо тасвири ҳайвонот, одамон ва ҷонварони тахайюлӣ маъмул буд.

Баъди интишори ислом тарзи ороиши маснуоти заргарӣ куллан дигар мешавад ва ҷойи акси ҷонварони зиндаро бештар нақшҳои гулу рустанӣ, хатти арабӣ ва шаклҳои ҳандасӣ ишғол мекунанд. Дар ин давра нақши гулу рустанӣ бо номи ислимӣ шуҳрат меёбад. Аз асрҳои IX-X анвои маснуоти заргарӣ хеле афзуда, қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти маиширо (зеварҳо, ороиши сарулибос, ашёи хона, манзилгоҳ) фаро гирифт. Дар ин давра истеҳсол ва коркарди филиззоту сангҳои гаронбаҳо инкишоф ёфта, аз лаъл, фирӯза, ақиқи яманӣ, булӯр сохтани зеварҳои зарандуду ҳаккокӣ маъмул гардид. Дар давраи темуриён баробари шукуфоии заргарӣ ва ҳатто ба дигар ҳунарҳо омехта шудани он (дару панҷараҳои нуқракӯб ва зарандуд, нахлҳои тилоӣ, ороиш ва ҳалдавонии ҷузъиёти дохили бино ва ғайра) мушоҳида шудааст. Сарфи назар аз ин, осори заргарии ин давра услуби хос ва бадеияти баланд дошт. Дар заргарӣ усулҳои рехтагарӣ, кандакорӣ,

ҳаккокӣ, зарробӣ, сайқалдиҳӣ, ҳаллоҷӣ (тунуккунӣ), ҳалдавонӣ ва ғайра истифода мешуд. Ҳалқа, зеби гардан, қоши тило ё қасаба, каҷак, бозубанд, ҳайкал, тӯмор ва ғайра зевароти маъмули занҳои Осиёи Марказӣ буданд. Заргарони Бухоро дар сохтани камарбандҳои васеи мардона, ки асосан бо фирӯзаву марворид хотамкорӣ мешуданд, шуҳрат ёфта буданд. Дар байни заргарон зангӯласозон мавқеи муайян доштанд. Зангӯлаҳои сохтаи онҳо – яккazанг, торсак, зонубанд, алафӣ (зангӯлачаҳои хурд) ба гардану пойҳои шутурҳо, ҳайвоноту парандаҳои хонагӣ овехта мешудаанд.

Шаҳрҳои Бухорову Самарқанд маркази асосии истеҳсоли маснуоти заргарӣ буданд. Ҳатто зикр карда шудааст, ки «Дар Бухоро ҳам заргарони ҳинду, қафқозӣ, яҳудӣ зиндагӣ ва фаъолият мекарданд, ки ҳар яки онҳо анъанаҳои санъати мардуми худро ба заргарӣ ворид сохта, онро мукаммал ва зебо гардонидаанд. Масалан, услуби ҳаккокӣ бо сиёҳдавонӣ дар рӯйи маснуоти нуқрагӣ бо фаъолияти заргарони қафқозӣ пайдо шуда, дар Осиёи Марказӣ ривоҷ ёфт. Бо ин сабаб маҳсулоти заргарии шаҳри Бухоро бо зебу таровати хосси худ аз маснуоти дигар шаҳру маҳалҳо фарқ мекунанд. Дар аксари шаҳрҳои калон заргарон дукону растаи худро доштанд, ки он ҷо ҳам макони зист ва ҳам ҷойи фаъолияти онҳо буд» [7, 3]. Аз ин рӯ, дар гузашта баъзе гузару маҳалла ва деҳаҳое, ки маркази истеҳсоли ашёи заргарӣ буданд, «Заргар» ё «Заргарон» ном гирифтаанд. Масалан, дар Бухоро маҳалле буд бо номи Тоқи Заргарон, ки дар он ҷо ҳамаи устохонаҳо ва дӯконҳои заргарони шаҳр ҷойгир шуда буданд. Аз асри XVII то ибтидои асри XX коркарди тилло, нуқра ва сангҳои гаронбаҳо агарчи дар шаҳрҳои дигар низ афзуд, вале марказҳои асосии санъати заргарӣ Бухорову Самарқанд буданд.

Бинобар таъкиди муҳаққиқони соҳа: «Дар як худи Бухоро беш аз 400 заргар ба заргарӣ машғул буда, дӯконҳои худро доштанд. Амали аз маъданҳои дигар ҷудо кардани нуқраву тиллоро дар Бухоро «гаҳбандӣ» меномиданд. Филиззи интихобшударо бо болға дар болои сандон то ҳамвор шуданаш мекӯфтанд. Ҳар як усто барои нақшунигор ва ороиш дар филиззи ҳамворшуда қолабҳои гуногун дошт, ки ба воситаи онҳо нақшҳои барҷаста мегузошт. Омехтаи дигар филиззот бо тилло натиҷаи хуб намедод ва он зудшикан шуда, барои нақшгузорӣ мувофиқ набуд» [7, 4]. Оид ба фаъолияти чандин нафар аз ҳунармандони заргари Бухоро, ки дар асрҳои XVI – XX фаъолият намудаанд ва онҳо ба миллатҳои гуногун, аз ҷумла яҳуд, ҳинд мансуб будаанд, дар мақолаи муҳаққиқи соҳа [4, 320-324] маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Ногуфта намонад, ки то як дараҷаи назаррас монандии ҳунари заргарӣ ва навъҳои маснуоти мансуби заргарии шаҳрҳои Бухоро ва Самарқандро мебинем, ки дар ҳар ду шаҳр қариб баробар корбаст шудааст ва имрӯзҳо аз якдигар ҷудо намудан ва дақиқан бори нахуст дар кадом шаҳр коркарда шудааст, чизе гуфтан мушкил мебошад. Инро фақат бо таҳқиқу таҳлил ва ташхиси экспертии лабораторӣи муайянкунандаи умри филезӣ маълум кардан метавон.

Лексикаи заргарӣ ва вожа-истилоҳоти мансуби он аз қадим диққати одамонро ба худ ҷалб намуда, дар бораи он забоншиносон андешаҳои худро баён кардаанд. Шояд нахустин манобеъ, ки дар мавзуи лексикаи заргарӣ ва умуман калима-истилоҳоти заргарӣ: маъно, сохти ҷинсӣ, мансубияти забонӣ, баромади решагӣ (этимологӣ)-и онҳо маълумот медиҳад, луғатҳои тафсирии куҳан ва китобҳои таърихӣ буда, ҳамзамон худи

шайъҳои бозмондаи мансуби заргарӣ ва ё ҳунари заргарӣ корбастшуда (либос, асбобҳои рӯзғор, либосу аслиҳаҳои ҷангӣ, кӯзаю ғайраҳо) бошад. Ҳамчунин, дар байни забонҳои олам ҳеҷ як забоне нест, ки танҳо аз вожагони худи ҳамон як забон таркиб ёфта бошад, дақиқан таъсиру вомпазирӣ аз забонҳои дигарро мушоҳида мекунем. Ин таъсирро на дар як ё ду соҳа, балки дар умум – таркиби луғавии забонҳо дида метавонем.

Лексикаи соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, аз ҷумла касбу-ҳунар, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳиссаи муайянеро ташкил мекунанд. Калимаю истилоҳоти касбӣ дар забони тоҷикӣ таърихи дуру дароз дошта пайдоиши онҳо ба асрҳои қадим тааллуқ дорад, ин калимаю истилоҳҳо дар захираи луғавии забон, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатии одамон ба вуҷуд омада такомул ва инкишоф меёбад. Таркиби лағавии забон бо ду роҳ бой мегардад:

1. Аз ҳисоби боигарии забони модарӣ;

2. Аз ҳисоби имкониятҳои беруна, яъне аз ҳисоби вомвожаҳо [3, 91-93; 5, 89-94; 6, 68].

Дар натиҷаи тараққиёти ҷамъият бо пайдо шудани ашё ва ҳодисаи нав мафҳумҳои мутобиқи онҳо пайдо шудаанд, бо номбаршавии онҳо калимаҳои нав низ ба вуҷуд меоянд. Калимаҳои нав асосан дар заминаи таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худи забон пайдо мешаванд. Дар натиҷаи зарурат унсурҳои лексикаи як забон ба забони дигар гузашта, ҳал ва ҳазм мегарданд ва бо мурури замон ба унсурҳои лексикии худӣ табдил меёбанд.

Ба мо маълум аст, ки халқи тоҷик аз қадимулайём бо халқҳои дигар дар муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, ҳарбӣ ва ғайра буд. Аз ин сабаб, ба забони тоҷикӣ гузаштани калимаҳои забонҳои дигар дар ҳамаи давраҳо давом кардааст.

Ин гуна тағйироту табдилёбиҳо иқтибосшавӣ бевосита ҳамчун унсурҳои зарурӣ дар таркиби лексикаи заргарӣ низ мушоҳида мешаванд. Омӯхтани лексикаи заргарӣ ҳаминро нишон медиҳад, ки баъзан як термин бо як ном дар диалектҳои гуногун маъниҳои гуногунро ифода мекунад.

## ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ:


1. Бобомуродова М. Тавсифи этнолингвистии вожагони ороиши занона дар забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2013. – 120 с.
2. Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 3. – Душанбе: 1979. – 270 с.
3. Қосимова Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Ҷилди 1. – Душанбе, 2012. – 568 с.
4. Махсума Ильясовна Ниязова. Scientific progress (www.scientific progress.uz), Средневековые ювелиры Бухары. – С.320-324
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе: 2007. – С. 89, 94
6. Муртозоев Х. Вижагиҳои савтӣ ва лексикӣ-семантикии ашъори намояндагони сабки хуросонии адабиёти тоҷику форс. – Душанбе, 2022, 184 с.
7. Умарова З. Заргарӣ//Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик/Сармуҳаррир Н.Амиршоҳӣ. Ҷ.1. – Душанбе: СИЭМТ, 2015. – С. 1.

8. Фахретдинова Д. Ювелирные искусство Узбекистана. – Ташкент, 1988;
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. ҷ. 1. – Душанбе: 2010. – 996 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. ҷ. 2. – Душанбе: 2010. – 1095 с.
11. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2017.